**«Тасдиқ мекунам»:**
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ доктори илми филология, профессор
_________ Шарифзода Ф.Х.
23 январи соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ба меъёру тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мутобиқат менамояд.

Омӯзиши насри бадеии таърихӣ дар баробари маъхазҳои таърихӣ муҳим буда, ба бештари рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла ба инқирози сулолаҳо, сар задани ҷангҳо, буҳрони иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва ғ. аз як тараф равшанӣ андозад, аз ҷониби дигар, барои шинохти таърихи гузаштагони худ ва хулосаи мантиқӣ баровардан дар худогоҳию худшиносии миллӣ нақши калидӣ мебозад. Таъсирпазирии насри бадеии таърихӣ ба шуури ҷамъиятӣ дар асл бештар буда, рухи замон ва воқеияти ҳодисаҳоро дар шакли бадеӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додани насри таърихии нависандаи пурмаҳсул Аброр Зоҳир дар шинохти саҳифаи таърихии гузаштагон, воқеаҳои асосии даврон ва моҳияти аслии онҳо аз зовияи диди бадеии нависанда мубрам мебошад.

Диссертант дар дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ҷиҳати омӯзиши осори адабӣ ва зиндагиномаи Аброр Зоҳир маводди заруриро оварда, нуқтаи назари адабиётшиносон, муҳаққиқон ва аҳли адабро ҷиҳати ягон паҳлуи осори нависанда ва шахсияти ӯ мавриди муҳокима ва андеша қарор додааст. Бинобар ин ки осори Аброр Зоҳир дар адабиётшиносӣ то кунун ҳамчун осори насрии адиби даврони Истиқлол ҳамаҷониба омӯхта нашудааст, дар дараҷаи таҳқиқи мавзуъ маводди илмӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи осори комили Аброр Зоҳир, хусусан дар масъалаи муайян намудани хусусиятҳои жанрии осори нависанда, муайян намудани дараҷаи

бадеияти онҳо, банду басти бадеӣ, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ масъалаҳои муҳимми дигарро дар таҳқиқотҳои оянда ба миён овардаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки воқеан бори аввал дар адабиётшиносии муосири тоҷик зиндагинома, мероси адабӣ ва фаъолияти кории Аброр Зоҳир баррасӣ гардида, насри таърихии ӯ танҳо дар мисоли ду романи таърихӣ – «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудаанд. Зимни таҳқиқ диссертант хусусиятҳои насри таърихӣ, тасвири чеҳраҳои адабию таърихӣ, маҳорати ҳунарии Аброр Зоҳирро дар муқоиса бо сарчашмаҳои таърихӣ, асари А.Афсаҳзод ва дигар маводди таърихӣ муайян намудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия сабки нависанда, забон ва мақолу зарбулмасалҳои ба корбурдаи ӯ дар романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» муафассал баррасӣ шудаанд, гарчанде ки диссертант дар корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва унсуру усулҳои банду басти бадеӣ ба омезиш роҳ додааст.

Дар охири ҳар як боб диссертант натиҷаҳои таҳқиқро мушаххас ва саҳеҳ овардааст, ки **дараҷаи омӯзиши маводди мавриди таҳқиқ** бударо нишон медиҳад.

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводди баррасишуда метавонад, ки дар адабиёти муосири тоҷик зимни таҳқиқи насри таърихии бадеӣ ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии нависандагони ҷудогона истифода шавад.

Диссертант мавзуъро дар асоси сарчашмаҳои илмию адабӣ, таърихӣ ва мероси адабии нависанда таҳқиқу таҳлил намуда, натиҷагирию хулосаҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқро нишон медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки диссертант муҳиммияти омӯзиши насри таърихии бадеӣ, аҳаммияти осори таърихии Аброр Зоҳир, маҳорати чеҳраофаринӣ ва фаъолияти пурсамари ӯро дар мисоли ду роман – «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» мавриди баррасӣ қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар 11 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Диссертатсия кори анҷомшуда** ба ҳисоб рафта, мутобиқи талаботи муқарраршудаи Дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулосаву рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 175 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **«Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир»** се фасл: фасли аввал **«Зиндагиномаи Аброр Зоҳир»**, фасли дувум **«Мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳир»** ва фасли савум **«Нақду баррасии осори Аброр Зоҳир»-ро** дар бар мегирад. Дар фаслҳои боби аввал диссертант дар бораи зиндагӣ, фаъолияти босамари корӣ ва адабии Аброр Зоҳир маълумот оварда, марҳилаҳои муҳимми фаъолияти нависандаро дар соҳаи илму фарҳанги кишвар, аз ҷумла, аз фаъолияти рӯзноманигорӣ то ба вазифаҳои роҳбарӣ ном мебарад. Дар фасли дувум фаъолияти адабии Аброр Зоҳир ҳамчун адиб, рӯзноманигор, филмноманавис, мунаққиди адабиёт ва синамо, рӯзноманигорӣ ва шоири шеърҳои кӯдакона баррасӣ гардидааст. Дар фасли савум, диссертант дараҷаи нақду баррасии осори Аброр Зоҳирро мавриди муҳокима қарор дода, назари адабиётшиносон А.Сайфуллоев, Ш. Раҳмонов, Ш.Солеҳов, Ш. Исрофилниё, З. Улмасоваро ном мебарад. Дар ин фасл ба нуқтаи назари аҳли адаб вобаста ба баъзе асарҳои Аброр Зоҳир бештар таваҷҷуҳ шуда, назари донишмандон ва муҳаққиқон муфассал фаро гирифта нашудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир»** дар фаслҳои **«Мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброр Зоҳир», «Инъикоси чеҳраҳои таърихӣ дар романи Мунтасир»** ва **«Тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»** диссертант омилҳои асосии ба насри таърихӣ таваҷҷуҳ намудани аҳли адабро ёдовар шуда, маҳорати адабӣ ва такомули насри таърихии Аброр Зоҳирро дар мушаххасоти насри таърихии нависанда ва дар мисоли ду романи таърихии ӯ «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, дар романҳои таърихии номбурда, масоили мухталифи таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабӣ баррасӣ шуда, воқеаву рӯйдодҳои таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои адабию таърихӣ муқоиса карда шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** ном дошта, аз се фасл **«Сабки баён ва мухтассоти забонии романҳои таърихии Аброр Зоҳир», «Истифодаи шеър дар романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»** ва **«Шеваҳои корбурди зарбулмасалу мақол дар романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** таркиб ёфтааст.

Диссертант дар ин боб саъй намудааст, ки сабки Аброр Зоҳирро дар асоси вижагиҳои хосси тасвири ӯ, тарзи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, зарбулмасалу мақолҳои забони зиндаи мардуми тоҷик ва дараҷаи истифодаи фаровони ашъори шуарои номдорро дар романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» таҳқиқу таҳлил намояд. Дар фаслҳои ин боб диссертант дар баробари дастовардҳои нависанда вобаста ба забони осори насри таърихии ӯ баъзе камбудиҳоро дар баёни воқеияти замон, тавзеҳи нодурусти мафоҳим ва истилоҳот, пурра наовардани мисраъҳои шеърӣ муайян намудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович ба ихтисоси илмии дархостшаванда – ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия чунинанд:

1. Номи диссертатсия ба мавзуи баррасишаванда қисман мувофиқат мекунад, зеро дар диссертатсия боби аввал ба ҳаёт ва фаъолияти Аброр Зоҳир бахшида шуда, аз насри таърихии ӯ танҳо ду роман «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар фасли аввали боби дувум «Мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброр Зоҳир», ки дар диссертатсия беш аз нуҳ романи нависанда номбар шудаанд, мавзую муҳтаво мушаххасан оварда мешаванд. Бинобар ин, номи диссертатсия вобаста ба маводди баррасишаванда «Аброр Зоҳир ва насри таърихии ӯ (дар мисоли романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»)» мувофиқ мебошад.

2. Диссертант романҳои таърихии Аброр Зоҳирро мебоист аз ҳайси хасоиси жанрӣ дастабандӣ мекард, на балки тасниф аз рӯйи мазмуну мундариҷа. Ҳамчунин, романҳои нависанда нодуруст тасниф шудаанд (таърихию эпикӣ, илмию бадеӣ, таърихию сиёсӣ, с.9, 73). Шакли дурусти тасниф бояд таърихӣ-эпикӣ, илмӣ-бадеӣ ва таърихӣ-сиёсӣ бошад.

3. Дар муқаддимаи диссертатсия дар қисми «Мубрамии мавзуи таҳқиқот» тартиби хронологии нашри асарҳои нависанда риоя нашудаанд. Дар «Асосҳои назариявии таҳқиқот» низ тартиби хронологӣ ба назар

намерасад. Ҳамчунин дар «Сарчашмаҳои таҳқиқот» соли нашри асарҳои Аброр Зоҳир зикр наёфтаанд.

4. Диссертант унсури банду басти бадеии романи «Мунтасир»-ро, ки дар аввали асар нависанда бо таҳкия оғоз менамояд, руҷуи лирикӣ ном мебарад, ки дар асл он тасвири манзара буда, яке аз қисмҳои анъанавии насри бадеӣ (унсури банду баст) маҳсуб меёбад (с.54). Диссертант дар баррасии мавзуъ бештар ба нуқтаи назари аҳли адаб такя мекунад, на балки адабиётшиносон ва муҳаққиқон, ки дар кори илмӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

5. Зимни баррасии асарҳои таърихии Аброр Зоҳир диссертант аслан аз нуқтаи назари хонанда арзиши асарро муайян карданӣ мешавад, на балки ҳамчун муҳаққиқ (с.57, 58, 59 ....). Диссертант шахсияти нависанда ва асарҳои ӯро аз ҳад зиёд тавсиф карда, ба арзиши аслии бадеияти асарҳои таърихии ӯ камтар равшанӣ андохтааст.

6. Зимни ном бурдани воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, тасвир, саҷъ ва ғ. диссертант руҷуи лирикӣ, диалог ва монологро ҳам дар қатори онҳо ном бурдааст, ҳол он ки руҷуи лирикӣ усули банду басти бадеӣ (композиционный приём) буда, диалогу монолог унсурҳои банду баст (композиционные элементы) маҳсуб меёбанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳошимова Хуршеда омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи дар шуъбаи адабиёти муосири Институт муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 1 аз 23 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Протоколи № 01 аз 23.01. 2026

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа

**Эксперт:**
Доктори илми филология, ходими пешбари шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Ҳошимова Хуршеда

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Шарифзода Лутфулло

**Имзоҳои Забеҳулло Б.С., Ҳошимова Х., ва Шарифзода Л.А.-ро тасдиқ менамоям:**

Нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Давлатов Фирдавс

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21,
Тел.: (+992 37) 227 29 07;
Факс: (992) 37227 11 70;
E-mail: iza.rudaki17@mail.com